ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Бо ҳуқуқи дастнавис

ВБД 681.3+004:51+62



Абдуллозода Нарзулло Исҳоқ

ПЕШГӮЙӢ НАМУДАНИ ҲОДИСАҲОИ ЭКСТРЕМАЛИИ ГИДРОЛОГӢ ВА ИНТИХОБИ УСУЛҲОИ СОҲИЛМУСТАҲКАМКУНӢ БО ИСТИФОДА АЗ МОДЕЛҲОИ МАТЕМАТИКӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2. Илмҳои компютерӣ ва информатика (1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо)

Душанбе – 2026

Диссертатсия дар Институти илмию таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Роҳбари илмӣ:	**Нуров Исҳокбой Ҷумаевич**, доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи технологияҳои иттилоотӣ ва иртиботии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Муқарризони расмӣ:	**Гулаҳмадзода Аминҷон Абдуҷаббор**, доктори илмҳои техникӣ, директори Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
	Ҳалимов Илҳом Исломович, номзади илмҳои физикаю математика, иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи барномасозӣ ва низомҳои зеҳнии Донишкадаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
Муассисаи пешбар:	Институти геология, сохтмони ба заминҷунбӣ тобовар ва сейсмологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

Ҳимоя санаи 3-юми декабри соли 2026, соати 13:00 дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-105 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар суроғаи: 734025, шаҳри Душанбе, кӯчаи Буни-Ҳисорак, корпуси 17, аудиторияи 203 ҷойгир аст, баргузор мешавад.

E-mail: rohatullo1956@mail.ru;рақами телефони котиби илмӣ +992981097033.

Бо диссертатсия ва автореферати он тавассути сомонаи *http://www. tnu.tj* ва дар китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон шинос шудан мумкин аст.

Автореферат фиристода шудааст «_____» «____» соли 2026.

Котиби илмии шурои диссертатсионии 6D.KOA-105,

номзади илмҳои физикаю математика, дотсент Садуллоев Р.И.

МУҚАДДИМА

Мубрамии мавзуи таҳқиқот. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ пеш аз ҳама бо Барномаҳои давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (31-уми майи соли 2018 таҳти №285, 29-уми апрели соли 2023 таҳти №186) қабул гардида, бевосита алоқамандӣ дорад. «Бояд қайд кард, ки маҳз Тоҷикистон бо пешниҳодҳои ҷолибу пуразиши худ дар ҷаҳон ҳамчун ташаббускору пешоҳанги равандҳои саросарии марбут ба масъалаи об шинохта шудааст. Бо ташаббуси Тоҷикистон аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид чандин қатънома, аз ҷумла соли 2003 ҳамчун «Соли байналмилалии оби тоза», солҳои 2005-2015 - Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт», соли 2013 - «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об», солҳои 2018-2028 - Даҳсолаи байналмилалии «Об барои рушди устувор», соли 2025 - «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо»» [10] қабул гардидааст ва тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июни соли 2026 Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об таъсис дода шуд. Ин ҳама бо ибтикороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иртибот мегиранд.

Қабули қатъномаҳо аз ҷониби созмони бонуфузи ҷаҳонӣ далели пазируфта шудани ташаббусҳои Тоҷикистон дар сатҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус ибтикороти созандаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

«Хосатан таъсиси Ҷоизаи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об мавқеи Тоҷикистонро ҳамчун кишвари калидӣ дар ҳалли масъалаҳои об дар сатҳи ҷаҳонӣ боз ҳам тақвият мебахшад»[10].

Ҳамзамон бо ин, таваҷҷуҳи муҳаққиқон ва ниҳодҳои илмиву таҳқиқотии соҳавиро ҷиҳати таҳкими омӯзиши масъалаҳои марбут ба об бештар гардонида, раванди мубодилаи технологияҳо ва ҷалби сармоягузориро барои ҳифзи пиряхҳо ва дастрасӣ ба оби тоза тақвият мебахшад.

Масъалаи об бевосита масъалаи беҳдошти вазъи иқтисодии ҷумҳурӣ ва таъмини бехатарии ҳаёти инсон мебошад. Ҳамасола тибқи маълумотҳои оморӣ дар натиҷаи боришоти зиёд дар ноҳияҳои гуногуни ҷумҳурӣ сел омада талафоти иқтисодии зиёд ва ҳатто ҷонӣ ба назар мерасад. Аз ин рӯ, дар асоси барномаҳои давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (31-уми майи соли 2018 таҳти №285, 29-уми апрели соли 2023 таҳти №186), масъалаҳои пешгӯӣ намудани масрафи оби дарё, сатҳи баландии об ва масъалаҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҷумҳурӣ, мубрам будани мавзуи таҳқиқотиро собит месозад [1-М - 12-М].

Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ. Ҳангоми таҳқиқи адабиёти соҳавӣ ва татбиқи санҷишҳои компютерӣ аз маълумотҳои «Барномаи ислоҳоти соҳаи оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2025 (аз 30 декабри соли 2015, № 791)»[10], аз маълумотҳои китоби М.Абрамовиц «дастури функсияҳои махсус бо формулаҳо, графикҳо ва ҷадвалҳои риёзӣ»[1], аз китоби Н. Шерматов «асосҳои таҳлили регрессионӣ»[21] аз натиҷаҳои таҳқиқотии Х.М. Ахмедов оид ба «эрозияи хок дар Тоҷикистон ва роҳҳои пешгирии он»[7], Ф.С. Комилиён оид ба «мушкилоти амсиласозии математикӣ ва компютерии экоситемаҳои махзанҳои обӣ дар Тоҷикистон ва арзёбии динамикаи захираҳои биологии онҳо»[13], Е.В. Гайдукова «пешгӯиҳои гидрологӣ»[12], С.Т. Алтунин оид ба «идоракунии маҷрои дарё ва ҳифзи соҳил аз шусташавӣ»[3;4], К.Ф. Артамонов «иншоот ва корҳои танзими дарёҳо дар минтақаҳои доманакӯҳӣ»[6] ва аз натиҷаҳои дар ин самт бадастовардаи худ, ки ба «масъалаҳои истифодаи моделҳои математикӣ ва пешгӯикунандаи сатҳи оби дарё ва устувории садд

дар дарёҳои Кофарниҳон, Қизилсу ва Панҷ»[3-М - 7-М; 9-М - 10-М], «алгоритми автоматикунонии корҳои мустаҳкамкунии соҳил дар сарбандҳои дарёи Қизилсу дар ноҳияи Восеъ ва таҳлили ададии сарбанди соҳилмуҳофизатӣ дар соҳили чапи дарёи Кофарниҳон дар ноҳияи Қабодиён»[1-М - 2-М; 8-М; 11-М - 12-М] рабт доранд, васеъ истифода бурдем.

«Об яке аз захираҳои муҳими табиӣ мебошад, ки мавҷудияти экосистемаҳо, рушди иқтисодиёт ва фаъолияти ҳаёти аҳолиро таъмин мекунад. Дар шароити тағйирёбии иқлими муосир, афзоиши таъсири инсон ба муҳити зист ва зиёд шудани ҳодисаҳои табиии шадид масъалаи назорат ва пешгӯии сатҳи оби дарёҳо аҳамияти махсус пайдо мекунад»[10]. Ба масъалаҳои захираҳои обии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мушкилоти истифодаи онҳо таваҷҷуҳи олимони зиёди ҷумҳурӣ ҷалб карда шудаанд, аз ҷумла ин масъалаҳо дар корҳои М.А. Сатторов «дар бораи обёрӣ ва паҳншавии теппаҳои оби зеризаминӣ дар қабатҳои обдори аз лиҳози амудӣ каме нояксон»[18], О.К. Комилов оид ба «танзими нақшавӣ ва баландии дарёҳои кӯҳӣ»[14], Я.Э. Пулатов оид ба «идоракунии комплексии захираҳои обии Тоҷикистон»[17], Ф.С. Комилиён оид ба «мушкилоти амсиласозии математикӣ ва компютерии экоситемаҳои махзанҳои обӣ дар Тоҷикистон ва арзёбии динамикаи захираҳои биологии онҳо»[13], Ф.С. Наботов оид ба «таъсис ва рушди низоми идоракунии об ва азхудкунии заминҳои нав дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлони Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1920-1980)»[16] ва дигарон мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Масъалаи дигар, ки диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст ин пешгӯии сатҳи оби дарёҳо мебошад. Доир ба масъалаи мазкур олимони зиёд корҳои арзишмандро иҷро намудаанд. Аз ҷумла корҳои муҳаққиқони ҳинд K. Malakar «татбиқи усули тақсимоти Гумбел барои таҳлили басомади обхезӣ дар ҳавзаи Гангаи Поён, Ҳиндустон»[22], F. Onen «пешгӯии омили басомади сел барои тақсимоти Гумбел бо истифода аз регрессия ва модели GEP»[23], корҳои муҳаққиқони рус С. Курбанов оид ба «асосҳои назариявӣ ва масъалаҳои экологии танзими маҷрои дарёву каналҳо ва сохтмони иншооти идоракунии захираҳои обӣ дар ҷануби Россия»[15], Е.Ф. Чебанова «пешгӯии деформатсияи маҷрои дарё ҳангоми татбиқи чорабиниҳои муҳофизат аз обхезӣ»[19], муҳаққиқи тоҷик С.С. Шарофиддинов оид ба «пешгӯии гидрологӣ бо истифода аз модели ModSnow дар ҳавзаи дарёи Яхсу»[20] ва дигарон ба ин мавзуъ бахшида шудааст.

Қайд намудан бо маврид аст, ки усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дарёҳои кӯҳӣ ба масъалаи мубрами рӯз мубаддал шудааст. Ба ин корҳои илмии классикон С.Т. Алтунин оид ба «идоракунии маҷрои дарё ва ҳифзи соҳил аз шусташавӣ»[3;4], В.С. Алтунин «пӯшишҳои муҳофизатӣ барои каналҳои обёрӣ»[5], И.Е. Алперин «мустаҳкамкунии соҳилҳои каналҳои киштигард, дарёҳо ва обанборҳо»[2], К.Ф. Артамонов «иншоот ва корҳои танзими дарёҳо дар минтақаҳои доманакӯҳӣ»[6], М.И. Бальзанников «таъмини ҳифзи минтақаҳои шаҳрӣ аз обхезиҳо ва роҳҳои ҳалли инноватсионӣ барои иншооти гидротехникӣ дар озмунҳои лоиҳаҳои хатм»[8;9], Ю.Б. Виноградов «моделсозии математикӣ дар гидрология»[11] ва дигаронро мисол овардан мумкин аст. Дар Тоҷикистон низ чунин таҳқиқотҳо мавқеи марказиро ишғол менамоянд. Бомаврид аст, гӯем ки оиди устувории гидрологӣ ба мисли пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё ва соҳилмустаҳкамкунии онҳо барномаҳои давлатӣ «Барномаҳои давлатии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (31-уми майи соли 2018 таҳти №285, 29-уми апрели соли 2023 таҳти №186)» қабул карда шудаанд.

«Нишон дода шудааст, ки дар Тоҷикистон дар корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ усули тахтабетонӣ бисёртар истифода карда мешаванд. Ҳодисаҳои солҳои 2020-2021 дар

шаҳри Кӯлоб хисороти ҷониву молӣ ба амал овард. Дар солҳои охир ин гуна ҳодисаҳо бисёр шудаанд. Барои пешгирӣ намудани ин хатарҳои табиӣ инсон бояд омода бошад»[14].

Чи тавре, ки маълум аст, Тоҷикистон ватани кӯҳсор буда, аз он бисёр дарёҳо сарчашма мегиранд. Ба ин мисол шуда метавонанд: Панҷ, Кофарниҳон, Зарафшон, Сирдарё, Вахш, Ёхсу, Бартанг ва ғайра. Маълум аст, ки имрӯз инсон кӯшиш менамояд, ки манбаҳои обиро ба манфиати худ истифода барад. Яъне, дар мадди аввал, обанборҳо сохта аз онҳо барқ ҳосил намояд. Аз дигар тараф, ин манбаҳо барои обёрӣ намудани заминҳои кишоварзӣ низ истифода мешаванд.

Бисёре аз давлатҳои ҳамсоя имрӯз ба истифодаи захираҳои обии кишвари мо ниёз доранд. Яъне, захираҳои обӣ ба сиёсати иқтисодии кишвар ва рушди устувории минтақа таъсиррасон мебошанд. Дар замони Шуравӣ неругоҳи барқии обии Норак дар солҳои 1961-1979-ум сохта шуда буд. Неругоҳи мазкур то ҳол ба иқтисодиёти кишвар хизматрасон мебошад. Ба ғайр аз неругоҳи барқии Норак нерӯгоҳҳои Қайроққум, Сангтуда, Бойғозӣ ва ғайра имрӯз фаъолият намуда истодаанд. Азбаски дарёҳои кӯҳӣ хосияти мавсимӣ доранд, дар фасли гармо ҳаҷми об зиёд шуда, дар фасли сармо кам мешавад. Суръати баландии об дар ин дарёҳо сабаби вайроншавии геосистемаҳо гардида, шусташавии соҳилҳо дар баъзе минтақаҳо сурат мегирад. Ин гуна ҳодисаҳо хеле зиёд рух медиҳанд.

Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ. Кори диссертатсионӣ дар доираи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии Институти илмӣ-таҳқиқотии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи лоиҳаи фармоишии буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мавзуҳои зерин: «Моделсозии компютерии ҳодисаҳои бифуркатсионӣ ва циклҳои ҳудудӣ дар системаҳои динамикии ғайри суфта» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0117TJ00807) ва «Таҳқиқи сифатӣ ва компютерии муодилаҳои дифференсиалии ғайрихаттии аз параметрҳо вобаста» (рақами ба қайдгирии давлатиаш №0126TJ01727) иҷро гардидааст.

ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

Мақсади таҳқиқот. Пешгӯӣ намудани сатҳи максималии оби дарёҳо, масрафи максималӣ, интихоби усули соҳилмустаҳкамкунӣ ва ҳудкорсозии ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ, сохтани буриши кундалангии минтақа дар асоси истифодаи амсилаҳои математикӣ ва компютерӣ мебошад.

Вазифаҳои таҳқиқот. Мувофиқи мақсади гузошташудаи таҳқиқот масъалаҳои зерин мушаххас карда шудаанд:

- Интихоби минтақаҳои ноустувори гидрологӣ, ки ба соҳилмустаҳкамкунӣ ниёз доранд;
- Пешгӯии сатҳи оби дарё ва ҳисоби гидравликии он дар экосистема;
- Сохтани бурриши кундалангии экосистема (минтақа) ва таъмини устуворӣ он;
- Таҳлили қиёсии маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои пешгӯишуда бо усули Гумбел;
- Тартиб додани комплекси нави барномаҳо, ки барои ҳудкорсозӣ ва пешгӯии сатҳи об мусоидат менамояд.

Объекти таҳқиқот. Таҳлили амсилаҳои математикии пешгӯикунандаи сатҳи баландии оби дарё ва соҳилмустаҳкамкунӣ дар мисоли дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо), дарёи Қизилсу (ноҳияи Восеъ) ва дарёи Кофарниҳон (минтақаи Қубодиён) ба шумор мераванд.

Мавзуи таҳқиқот. Худкорсозии ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунии дарёҳои Панҷ, Қизилсу ва Кофарниҳон дар асоси пешгӯӣ намудани сатҳи об дар минтақаи номбаршуда ба шумор меравад.

Навгонии илмии таҳқиқот. Дар рисолаи диссертатсионӣ натиҷаҳои асосии зерин ба даст оварда шудаанд:

- Истифодаи амсилаҳои математикӣ дар пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарё;
- Ҳисоби гидравликии оби дарё пешниҳод (ҳисоб) карда шуда, бурриши кундалангии экосистема (минтақа) сохта шуд;
- Комплекси нави барномаҳо, ки барои пешгӯӣ намудани сатҳи баландтарини об, масрафи максималӣ ва ҳисоб кардани масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ мусоидат менамояд, тартиб дода шудаанд.

Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда. Нуктаҳои зерин ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд:

- Дар асоси маълумотҳои оморӣ ва амсилаҳои математикӣ сатҳи оби дарё дар фосилаи вақти муайян ҳисоб карда шуд;
- Гидравликаи оби дарёи минтақа ҳисоб карда шуда, бурриши кундалангии минтақаи ноустувор сохта шудааст;
- Бори аввал, таҳия, асоснок ва пешниҳод карда шуд комплекси нави барномаҳо барои худкорсозии ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ, ки дар асоси қимати ҳисобкардашудаи сатҳи баландтарини оби дарё бо истифода аз тақсимоти Гумбел ҳисоб ва пешгӯӣ шудааст, таҳия гардидааст.

Аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот. Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар истифода ва асосноккунии модели Гумбел, ки бо истифода аз маълумотҳои оморӣ барои пешгӯӣ намудани сатҳи баландтарини оби дарё истифода гардидааст, ифода меёбад. Натиҷаҳои бадастомада имконият медиҳанд, ки сатҳи максималии оби дарё барои солҳои оянд пешгӯӣ карда шуда, дар асоси он масрафи масолеҳи сохтмонӣ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ҳисоб карда шавад. Пешгӯии дуруст ва бо мавқеъи сатҳи об барои ҳимояи инфрасохтор, муҳофизати аҳолӣ ва идоракунии захираҳои обӣ мусоидат мекунад. Бо такя ба ин модел меъёрҳои муҳандисӣ барои сохтмони садд, пулҳо ва дигар иншоотҳои гидротехникӣ асоснок карда мешаванд.

Аҳамияти илмию амалии кор аз он иборат аст, ки натиҷаҳои назариявӣ бо формулаҳои ҳисобӣ ва алгоритмҳои сохташуда барои дар амалия татбиқ намудан имконият медиҳад. Дар асоси натиҷаҳои ба даст омада дар забони барномасозии C# муҷтамаи барномаҳо сохта шудаанд, ки дар асоси сатҳи пешгӯикардашудаи оби дарё ва вобаста аз усули соҳилмустаҳкунӣ масрафи масолеҳи сохтмонӣ ҳисоб карда мешавад.

Усулҳо ва алгоритмҳои таҳиякардашуда метавонанд дар тамоми дарёҳои ҷумҳурӣ, ки ниёз ба соҳилмустаҳкамнамоӣ доранд ва ё сатҳи обро мехоҳанд барои солҳои оянда пешгӯӣ намоянд, истифода гарданд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсия бо асосноккунии қатъии математикӣ, бо истифода аз усулҳои Гумбел ва регрессияи хаттӣ таъмин карда мешавад. Илова бар ин, дурустӣ ва самаранокии усулҳои ададии пешниҳодшуда тавассути муқоисаи маълумотҳои оморӣ бо маълумотҳои пешгӯикардашуда ва татбиқи онҳо бо як силсила озмоишҳои компютерӣ дар асоси муҷтамаи барномаҳои сохташуда тасдиқ шудаанд. Яъне пешгӯии сатҳи баландии об ва масрафи масолеҳи корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо саҳеҳияти кифоя баланд муайян шудааст. Истифодаи ин усулҳо эътимоднокии натиҷаҳоро барои пешгӯии сатҳи баландтарини оби дарёҳои ҷумҳурӣ бо мақсади анҷом додани корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ кафолат медиҳад.

Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ. Мундариҷаи таҳқиқоти диссертатсия ба бандҳои 3, 4, 5 ва 11-и шиносномаи ихтисоси илмӣ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 1.2.8. Моделсозии математикӣ, методҳои ададӣ ва комплекси барномаҳо, мувофиқат мекунад:

- банди 3. Коркард ва асосоноккунии усулҳо ва қоидаҳои мутобиқшавии амсилаҳои компютерӣ, истифодаи самараноки онҳо ҳангоми пешгӯиҳои таҳаввулоти объектҳо, системаҳо, равандҳо ва падидаҳо;

- банди 4. Коркард, асосноккунӣ ва санҷиши методҳои ҳисобкунӣ бо истифодаи технологияҳои муосири компютерӣ;

- банди 5. Амалисозии методҳои самараноки ададӣ ва алгоритмҳо дар намуди маҷмааҳои ба ҳалли проблема равоншудаи барномаҳо барои роҳандозии таҷрибаи ҳисобкунӣ;

- банди 11. Таҳқиқоти назариявӣ, амалӣ ва таҷрибавӣ оид ба офаридан, санҷиш ва истифодаи амсилаҳои математикӣ барои ҳалли масъалаҳои мубрами лоиҳасозии ҳудкоршуда, банақшагирӣ ва идоракунӣ.

Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот. Масъалаи диссертатсия ва усулҳои ҳалли он аз ҷониби роҳбари илмӣ пешниҳод шудааст. Натиҷаҳои асосии дар диссертатсия ба даст омада ба муаллиф тааллуқ доранд. Дар он мақолаҳое, ки бо роҳбари илмӣ ҳаммуаллиф мебошад, танҳо масъалагузорӣ ба роҳбари илмӣ вобаста мебошад. Инчунин, барномаҳои компютерӣ, аз ҷумла сохтани алгоритмҳои усулҳои пешгӯӣ намудани масрафи об ва сатҳи об бо усули Гумбел, регрессияи хаттӣ, ҳисоби масрафи масолеҳи сохтмонӣ ва нақшаҳои сохташудаи буришҳои кундалангии объектҳои дар доираи кори диссерататсионӣ истифода гардида, шахсан аз ҷониби довталаб таҳия шудаанд [11-М, 12-М].

Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия. Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар семинарҳо ва конференсияҳои зерин муҳокима гардидаанд: конференсияи байналмилалии илмӣ-техникӣ (Вологда, 2021); Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзӯи «Комплексный анализ и его приложения» бахшида ба «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф», 75–солагии корманди шоистаи Тоҷикистон, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои физикаю-математика, профессор И.Қ. Қурбонов ва 70-солагии доктори илмҳои физикаю-математика, профессор Ҷ.С. Сафаров (ш.Бохтар, 2022); конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар саноатикунонии кишвар» (Душанбе, 2022); international conference “Scientific research of the SCO countries: synergy and integration” (China, 2025).

Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Аз рӯйи мавзуи диссертатсионӣ 12 мақола нашр шудаанд [1-М - 12-М]. Аз онҳо 6 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда ва 6 фишурдамақола дар маводҳои конфронсҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ нашр гардидаанд. Илова бар ин, ду шаҳодатномаи ҳифзи ҳуқуқи муаллиф дар ин мавзуъ пешниҳод карда шудааст.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия. Диссертатсия аз бахшҳои «Муқаддима», «Тавсифи умумии таҳқиқот», се боб бо зербобҳо, бахши «Хулосаҳо», «Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия», «Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо», «Адабиёт» ва «Феҳристи интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ» иборат аст. Руйхати адабиёт 145 номгӯй ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ 12 номгӯйро дарбар мегирад. Муҳтавои диссертатсия дар 152 саҳифа дарҷ

гардидааст. Рақамгузории расму ҷадвалҳо дар диссертатсия вобаста аз боб ва зербобҳо сурат гирифтааст.

МУҲТАВОИ МУХТАСАРИ ДИССЕРТАТСИЯ

Муқаддимаи диссертатсия ба масъалаҳои муҳиме, ки дар кори диссертатсионӣ баррасӣ мешаванд, бахшида шуда, дараҷаи таҳқиқоти илмии масъалаи мавриди омӯзиш нишон дода мешавад ва тавсифи умумии кор оварда мешавад.

Боби якум (зербобҳои 1.1-1.4)-и диссертатсия ба таҳлили адабиёти мавҷуда оид ба мавзӯи кори диссертатсионӣ бахшида шуда, таҳқиқоти назариявию методологӣ, таҳлили мушкилоти мавҷуда ва натиҷаҳои ба дастомада, инчунин масъалаҳои ҳанӯз ҳалнашудаи мавзуи диссертатсия оварда мешаванд.

Дар **боби дуюм** (зербобҳои 2.1-2.6) натиҷаҳои диссертатсия оиди назарияи арзишҳои экстремалӣ, оиди пайдоиши масъалаи Гумбел ва муайян намудани сарҳадҳои қиматҳои он, исботи математикии хатои миёнаи квадратии сатҳҳои гидрологии ҳисобшуда, ҳисоб кардани моментҳои дақиқ (миёнаи математикӣ ва дисперсия) барои тақсимоти Гумбел, таҳлили эмпирикӣ ва санҷиши омории маълумот ва усулҳои баҳодиҳии параметрҳои тақсимоти гумбел ва таҳлили муоқисавии онҳо оварда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии ин боб дар корҳои зерин нашр шудаанд: «модели математикии устувории соҳилмустаҳкамкунӣи дарёи Кофарниҳони ноҳияи Қубодиён» [3-М], «модели математикӣ барои пешгӯии хусусиятҳои шадиди гидрологӣ дар асоси таҳлили регрессионӣ ва назарияи тақсимоти шартии логарифмӣ-муқаррарӣ» [5-М], «пешгӯӣ намудани сатҳи оби дарёи Панҷ дар асоси маълумотҳои оморӣ бо истифода аз моделҳои математикӣ ва мошинӣ» [6-М] ва «модели математикии худкорсозии корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ҷануби Тоҷикистон» [9-М] ва [12-М].

Дар зербоби 2.1. тасдиқотҳои асосии назарияи арзишҳои экстремалӣ оварда шудааст.

Теоремаи Фишер-Типпет-Гнеденко [1]. «Агар чунин константаҳои стандартикунонӣ $a_n > 0$, b_n мавҷуд бошанд, ки тақсимоти максимуми стандартикунонидашуди $\frac{M_n - b_n}{a_n}$ба тақсимоти ҳудудӣ мувофиқат кунад, пас ин тақсимоти ҳудудӣ ба яке аз се намуд тааллуқ дорад»[1]:

- «Тақсимоти Гумбел (намуди I) - барои тақсимотҳо бо нишонаҳои экспоненсиалӣ (нормалӣ, экспоненсиалӣ, логнормалӣ).
- Тақсимоти Фреше (намуди II)- барои нишонаҳои вазнин (қонунҳои дараҷавӣ).
- Тақсимоти Вейбулл (намуди III) - барои тақсимотҳои бо маҳдудияти болоии сарҳад»[1].

Одатан соҳилмустаҳкамкунӣ аз донистани нуқтаи баландтарини сатҳи об, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳо ба даст оварда шудаанд вобаста аст. Ин мушоҳидаҳо метавонанд 1 сола, 10 сола, 20 сола ва ё 50 сола бошанд. Масалан, агар мо хоҳем саддеро дар соли 2026 мустаҳкам намоем, бояд маълумотҳои омории солҳои пешинаро донем. Аз байни тамоми маълумотҳо, сатҳи аз ҳама баландтарини оби минтақаи мустаҳкамшаванда интихоб мегардад. Ба ғайр аз ин, муҳандисон барои мустаҳкам намудани садд ба нуқтаи максималии сатҳи об 0,5 метр изофа менамоянд. Гуфтан бо маврид аст, ки мо ба усулҳое ниёз дорем, ки дар асоси маълумотҳои оморӣ сатҳи баландии обро на барои 1 сол, балки барои 20 сол, 50 сол ва ё аз ин ҳам зиёд пешгӯӣ намояд. Аз ин рӯ дар доираи ин кор усули Гумбелро дида мебароем.

Модели математикии пешгӯикунандаи ҳодисаҳои экстремалӣ, ки онро тақсимоти Гумбелӣ меноманд дар умум чунин намуд дорад:

$$Q_T = \mu - \beta \cdot \ln\left(-\ln\left(1 - \frac{1}{T}\right)\right), \qquad (2.1.1)$$

ки дар ин ҷо

- T-даври пешгӯӣ намоӣ;
- $\beta = \frac{S\sqrt{6}}{\pi}$ -параметри муайянкунандаи мавҷӣ об;
- $\mu = \overline{x} - \gamma\beta$-сатҳи миёнаи об;
- γ- доимии Эйлер Маскеронӣ буда қиматаш ба 0,5772 баробар аст.
- $\overline{x} = \frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n} x_i$, $\overline{x}$ -қимати миёнаи сатҳи об, ё масрафи об, n-миқдори сол, x_i-сатҳи баландии об ё масрафи об дар соли муайян;
- $S = \sqrt{\frac{\sum_{i=1}^{n}(x_i - \overline{x})^2}{n-1}}$ - барои баҳодиҳии қимати β истифода бурда мешавад.

Даври такрорёбии ин гуна ҳодисаҳо чунин ифода меёбад: $T = \frac{1}{(1-F(x))}$, ки дар ин ҷо $F(x) = exp\left(-exp\left(-\frac{x-\mu}{\beta}\right)\right)$.

Соҳаи қиматҳои $F(x)$ ин интервали $(0,1)$ ба шумор меравад. Дар навбати худ зичии тақсимот чунин ишора мешавад:

$$f(x) = \frac{1}{\beta} \cdot exp\left(-\frac{x-\mu}{\beta} exp\left(-\frac{x-\mu}{\beta}\right)\right). \qquad (2.1.3)$$

Формулаи (2.1.3) эҳтимолияти руй додани сатҳи баландтарини об, масрафи максималии об ва ё ҳарорати баландтарини ҳаворо дар як сол муайян менамояд.

Дар зербоби 2.2 оиди муайян намудани саҳеҳии қиматҳои оморӣ ва пешгӯишаванда ва дар зербобҳои 2.3-2.4 оиди функсияи саҳеҳии тақсимоти максимум ва исботи математикии хатои миёнаи квадратии сатҳҳои гидрологии ҳисобшуда сухан меравад.

Дар зербоби 2.5 бошад, таҳлили эмпирикӣ ва санҷиши омории маълумотҳо оварда шудааст.

Қатори вақтии сатҳҳои максималии солонаи оби дидбонгоҳи Хирманҷои дарёи Панҷ дар солҳои 1970-1990 мавриди таҳлил қарор дорад (ниг. ба ҷадвали 2.5.1):

Ҷадвали 2.5.1. - Сатҳи баландии оби дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо)

Сол	$H см$	Сол	$H см$
1970	536	1981	616
1971	624	1982	628
1972	645	1983	671
1973	708	1984	608
1974	604	1985	536
1975	764	1986	554
1976	526	1987	600
1977	650	1988	633
1978	635	1989	723
1979	531	1990	604
1980	601		

Манбаъ: маълумоти омории дидбонгоҳи дарёи Панҷ дар деҳаи Хирманҷо; коркарди муаллиф

Барои таҳлил қатори сатҳи максималии солонаи об (H, см.) дар давраи 21-солаи мушоҳидаҳо истифода шудааст. Дар гидрология чунин ҳаҷми интихоб барои ҳисобҳои пешакии муҳандисӣ намояндагӣ мекунад, аммо он назорати қатъии мавҷудияти аномалияҳои омориро талаб мекунад. Таҳлили визуалии графики хронологӣ набудани тамоюли хаттии мушаххасро нишон медиҳад, ки имкон медиҳад режими гидрологии дарёро дар доираи давраи мавриди назар статсионарӣ ҳисоб кунад.

Барои сохтани модели назариявии Гумбел лаҳзаҳои тақсимотро муайян кардан лозим аст. Ҳисобкунӣ бо усули лаҳзаҳо иҷро шудааст.

Ҷадвали 2.5.2. - Нишондиҳандаҳои асосии оморӣ

Параметр	Формулаи ҳисоббарорӣ	Натиҷа
Миёнаи арифметикӣ ($\overline{H}$)	$\sum_{i=1}^{n} \frac{H_i}{n}$	618,91
Дисперсия (S^2)	$\sum_{i=1}^{n} \frac{(H_i - \overline{H})^2}{(n-1)}$	4016,09
Тағйирёбии миёнаи квадратӣ **(σ)**	$\sqrt{S^2}$	63,37
Коэф. вариатсия (C_v)	$\frac{\sigma}{\overline{H}}$	0,098

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.5.1.

Арзиши C_v =0,098 аз тағйирёбии пасти сатҳҳои ҳадди аксар шаҳодат медиҳад. Ин барои дарёҳои дорои намуди хокӣ ё омехта бо бартарии боришоти якхела хос аст.

Эҳтимолияти эмпирикӣ P аз рӯи формулаи Крицкий - Менкел, ки дар амалияи гидрологии ватанӣ ва ФР қабул шудааст, ҳисоб карда шудааст.

Ҷадвали 2.5.3. - Силсилаи рейтингӣ ва эҳтимолияти эмпирикӣ

Сол	Сатҳи об (H)	Фарқият ($H_i - \overline{H}$)	P%
1975	764	145,095	4,55
1989	723	104,095	9,09
1973	708	89,095	13,64
1983	671	52,095	18,18
1977	650	31,095	22,73
1972	645	26,095	27,27
1978	635	16,095	31,82
1988	633	14,095	36,36
1982	628	9,095	40,91
1971	624	5,095	45,45
1981	616	-2,905	50,00
1984	608	-10,905	54,55
1974	604	-14,905	59,09
1990	604	-14,905	63,64
1980	601	-17,905	68,18
1987	600	-18,905	72,73
1986	554	-64,905	77,27
1970	536	-82,905	81,82
1985	536	-82,905	86,36
1979	531	-87,905	90,91
1976	526	-92,905	95,45

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.5.1.

Бо истифода аз лаҳзаҳои ҳисобшуда ($\overline{H}$ ва $\boldsymbol{\sigma}$) параметрҳои функсияи назариявиро муайян мекунем:

1.Параметри масштаб дар асоси қимати σ чунин ҳисоб карда мешавад:

$$\alpha = \frac{\sqrt{6}}{\pi}\sigma \approx 0{,}7797\sigma \approx 0{,}7797 \cdot 63{,}37 \approx 49{,}41.$$

2. Параметри мавқеъ дар асоси қиматҳои $\overline{H}, \gamma, \alpha$:

$$\mu = \overline{H} - \gamma\alpha \approx \overline{H} - 0{,}5772\alpha \approx 618{,}91 - 0{,}5772 \cdot 49{,}41 \approx 590{,}38.$$

Параметри μ аз ҳисоби миёна камтар аст, ки асимметрияи тақсимоти ростро тасдиқ мекунад: ҳадди эҳтимолии солона дар сатҳи 590,38 см гурӯҳбандӣ карда мешавад, дар ҳоле ки обхезиҳои нодири баланд ба ҳисоби миёна то 618,91 см "баланд мешаванд".

Барои арзёбии мувофиқати модели Гумбел дар рисола коэффитсиенти назариявии асимметрияро ($C_{s_{theor}} = 1.14$) бо эмпирикӣ муқоиса кардан лозим аст:

$$C_s = \sum_{i=1}^{n} \frac{(H_i - \overline{H})^3}{(n-1)\sigma^3} \approx 1.09.$$

Фарқи байни арзишҳои назариявӣ (1.14) ва ҳисобшуда (1.09) камтар аз 5% -ро ташкил медиҳад. Дар асоси қимати миёнаи $\overline{H}$ = 618,90 формулаи ҳисобкунии сатҳи об чунин аст: $H_p = \mu + \alpha y$, ки дар он $y = -ln\left(-ln\left(1 - \frac{P}{100}\right)\right)$ аст, ки танҳо аз таъминоти додашудаи P вобаста аст.

Ҷадвали 2.5.4. - Ҳисоб кардани сатҳҳои эҳтимолияти гуногуни барзиёд

Таъминот P (%)	Даври такроршавӣ T (сол)	Коэффитсиенти y	Сатҳи ҳисобшуда H_p
0,1%	1000	6,907	935
1%	100	4,600	817
3%	33	3,485	760
5%	20	2,970	734
10%	10	2,250	697
50%	2	0,367	601

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз тақсимоти Гумбел

Дар сурати ҳаҷми ками шумораи мушоҳидаҳои сатҳи баландии об ($n = 21$) арзёбии нуқтаи сатҳӣ метавонад хатогии назаррасро дар бар гирад. Барои кам кардани хавфҳо ҳангоми лоиҳасозии муҳандисӣ фосилаи эътимод ҳисоб карда H_p мешавад.

Усули ҳисобкунии хато. Хатои стандартии квантили E_p барои тақсимоти Гумбел аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$E_p = \frac{\sigma}{\sqrt{n}}\sqrt{1 + 1{,}14\ y + 1{,}1\ y^2}.$$


Барои сатҳи эътимоднокии 95% (дар тадқиқоти диссертатсионӣ қабулшуда) сарҳадҳои эътимод ҳамчун $H_p \pm 2E_p$ муайян карда мешаванд.

Ҷадвали 2.5.5. - Параметрҳои "долони амният"

P (%)	**Сатҳи об H_p**	**Хатогӣ E_p**	**Сарҳади болоӣ** $(+2E_p)$	**Сарҳади поенӣ.** $(-2E_p)$
1%	**817**	43,1	**903**	731
5%	**734**	29,8	**794**	674
10%	**697**	24,9	**747**	647
50%	**601**	13,8	**629**	573

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф

Дар асоси қиматҳои параметрҳои ҷадвали 2.5.5 долони пешгӯии сатҳи оби дарёи Панҷи деҳаи Хирманҷоро ба намуди график тасвир менамоем:



Расми 2.6.1. - Сарҳадҳои пешгӯишудаи сатҳи об (*коркарди муаллиф дар асоси натиҷаҳои ҷадвали 2.5.5.***)**

Дар зербоби 2.6 усулҳои баҳодиҳии параметрҳои тақсимоти гумбел ва таҳлили муоқисавии онҳо оварда шудааст.

«Дар масъалаҳои таҳлили ҳодисаҳои экстремалии табиӣ ва техногеннӣ омӯзиши қонуниятҳои оморӣ мавқеи муҳимро ишғол менамоянд. Ба чунин ҳодисаҳо сатҳҳои максималии дарёҳо, боришоти шадид, обхезиҳо ва дигар ҳодисаҳое мисол шуда метавонанд, ки ба муҳити зист таъсир мерасонанд. Барои тавсифи чунин равандҳо усулҳои назарияи қиматҳои экстремалӣ истифода бурда мешаванд»[23]. Ҳадафи мо татбиқи усулҳои математикии пешгӯинамоӣ, хусусан асосҳои назариявии тақсимоти Гумбел, регрессияи хаттӣ барои пешгӯӣ намудани сатҳи баландтарини оби дарёҳо мебошад. Дар ин таҳқиқ мо усулҳои зикршударо барои дарёҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дарёи Панҷ, Кофарниҳон ва Қизилсу татбиқ менамоем. Бояд гуфт, ки усулҳои дар поён овардашударо барои тамоми дарёҳои ҷумҳурӣ татбиқ намудан имконпазир аст.

Тавре дар боло қайд намудем, истифодаи усулҳои номбаркардашуда дар асоси маълумотҳои оморӣ анҷом дода мешаванд. Дар доираи ин кор маҳз ҳамон минтақаҳое гирифта шудаанд, ки дар он ҷо дидбонгоҳҳо пас аз пош хӯрдани Иттифоқи Шӯравӣ барқарор нашудаанд ва ин минтақаҳо зери хатар қарор доранд. Яке аз чунин минтақаҳо ин дарёи Панҷ мебошад.

Маълумоти оморӣ аз дидбонгоҳи дарёи Панҷ, воқеъ дар деҳаи Хирманҷо, гирифта шудааст. (ниг. ба ҷадвали 2.6.1).

Ҷадвали 2.6.1. - Маълумотҳои омории сатҳи баландтарини оби дарёи Панҷ дар дидбонгоҳи деҳаи Хирманҷо

Сол	Сатҳи баландтарини об (бо см)	Масрафи оби дарё
1970	536	2137
1971	624	2710
1972	645	2560
1973	708	2059
1974	604	2327
1975	764	2217
1976	526	2056
1977	650	2044
1978	635	2233

Идомаи ҷадвали 2.6.1.


1979	531	2239
1980	601	2137
1981	616	2630
1982	628	2102
1983	671	2034
1984	608	1958
1985	536	2152
1986	554	2035
1987	600	3200
1988	633	2106
1989	723	1991
1990	604	2214

Манбаъ: маълумоти омории дидбонгоҳи дарёи Панҷ дар деҳаи Хирманҷо; коркарди муаллиф

Дар қадами аввал барои санҷиши дурустии модели истифодашаванда мо маълумотҳои омории саҳеҳро, ки дар соли 1983, ки аз дидбонгоҳи дарёи Панҷ (деҳаи Хирманҷо) ба даст оварда шудааст интихоб менамоем ва пешгӯиро барои соли 1984 анҷом медиҳем.

Барои дуруст ҳисоб намудани эҳтимолияти эмпирикӣ мо қимати $F(x)$ -ро бо истифода аз усули Вейбул интихоб менамоем, ки он бо чунин формула ифода карда мешавад: $p_i=\frac{i}{n+1}$, ки дар ин ҷо p_i-эҳтимолияти Вейбул барои нуқтаи i-ум, i-тартиби рақам дар маълумот, n-шумораи умумии маълумотҳо.

Дар қадами мазкур санҷиши гузаронидашударо дар шакли графикӣ пешниҳод менамоем. Дар нақша бо ранги кабуд сатҳи баландии пешгӯӣ шудаи об барои соли 1984 оварда шудааст. Бо ранги сурх бошад графики маълумотҳои оморӣ пешниҳод грдидааст (ниг.ба расми 2.6.2).



Расми 2.6.2. - Муқоисаи маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои пешгӯишуда бо истифода аз усули Гумбел барои соли 1984 (*ҳисоб ва коркарди муаллиф дар асоси маълумоти дидбонгоҳи дарёи Панҷ)*

Аз нақшаи пешниҳодгардида нуқтаи баландтарини сатҳи об ба 6,42 метр баробар аст. Ҷадвали қиматҳои ҳосилшударо меорем:

Ҷадвали 2.6.3. - Ҷадвали қиматҳои оморӣ ва пешгӯишуда дар соли 1984

Моҳҳо	Сатҳи баландтарини об дар соли 1983	Саҳи баландтарини об барои соли 1984 пешгӯи шуда	Сатҳи баландтрини об дар соли 1984	Қимати *p*
Феврал	252	231,6620181	267	0,076923077
Март	257	343,1701755	266	0,153846154
Декабр	258	297,8575695	280	0,230769231
Январ	262	323,7113337	298	0,307692308
Ноябр	282	348,5575462	306	0,384615385
Октябр	335	373,621531	360	0,461538462
Апрел	400	399,9443834	412	0,538461538
Сентябр	512	428,7079279	528	0,615384615
Май	514	461,6014944	578	0,692307692
Июн	570	501,5672107	603	0,769230769
Июл	625	555,0065601	607	0,846153846
Август	671	**642,1066397**	**608**	0,923076923

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти дидбонгоҳи дарёи Панҷ ва усули Гумбел.

Аз ҷадвали 2.6.3 дида мешавад, ки сатҳи баландтарини об дар соли 1984 ба 6,08 метр мерасад ва сатҳи баландтарини пешгӯишудаи об барои соли 1984 ба 6,42 метр мерасад. Дар масъалаҳои соҳилмустаҳкамкунӣ маҳз сатҳи аз ҳама баландтарини об муҳим аст. Барои муқоиса ва баҳодиҳии наздикии натиҷаҳо аз коррелятсия истифода бурда мешавад. Маълумотҳои мушоҳидашавндаро дар ҷадвали зерин пешниҳод менамоем:

Ҷадвали 2.6.4. - Маълумотҳои оморӣ ва пешгӯишудаи соли 1984. Ҷадвали муқоисавӣ

Феврал	Март	Декабр	Январ	Ноябр	Октябр	Апрел	Сентябр	Май	Июн	Июл	Август
Маълумотҳои омории соли 1984 (Сатҳи баландтарини об барои ҳар як моҳ)											
267	266	280	298	306	360	412	528	578	603	607	608
Маълумотҳои пешгӯишуда бо усули Гумбел соли 1984 (Сатҳи баландтарини об барои ҳар як моҳ											
231,7	343,2	297,9	323,7	348,6	373,6	399,9	428,7	461,6	501,6	555,0	642,1

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.6.3 ва усули регрессия [21].


«Барои ёфтани параметрҳои a ва b дар муодилаи (2.6.4) бо усули нуқтаҳои интихобшуда, чи тавре ки дар боло қайд намудем, координатаҳои ду нуқтаи дар ибтидо (моҳи феврал) ва охири (моҳи август) - ҷадвали 2.6.2. овардашуда (267;231,662) ва (608; 642,11)-ро гирифта мегузорем» [21]. Системаи муодилаҳои зеринро ҳосил менамоем:

$$\begin{cases} 267a+b=231,662, \\ 608a+b=642,11. \end{cases}$$

Системаро бо усули гузориш ҳал намуда, параметрҳои a ва b -ро меёбем: a≈1,2037, b≈-89,7396. Дар асоси параметрҳои ёфтшуда муодилаи зеринро ҳосил намудем:

$$y=1{,}2037x-89{,}7396.$$

Барои тасвири графикии ин муодилаи хатти рост ба сифати x қимматҳои пешгӯишуда интихоб мегарданд:



Расми 2.6.3. - Муқоисаи маълумотҳои оморӣ ва маълумотҳои пешгӯишуда бо истифода аз усули Гумбел барои соли 1984 (*ҳисоб ва коркарди муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.6.4.)*

Барои санҷиши саҳеҳии модели истифодагардида аз формулаи навбатӣ истифода менамоем:

$$R^2 = 1 - \frac{\sum_{i=1}^{n}(y_i - \hat{y}_i)^2}{\sum_{i=1}^{n}(y_i - \bar{y})^2},$$

ки дар ин ҷо $\hat{y}_i$ -қиматҳои пешгӯишуда бо истифода аз муодилаи регрессия y=1,2037x-89,739 , $\bar{y}$ -қимати миёнаи маълумотҳои оморӣ, $\sum_{i=1}^{n}(y_i - \bar{y})^2$ -хатогии модел, $\sum_{i=1}^{n}(y_i - \bar{y})^2$-тағйирёбии умумии маълумотҳо, y_i-маълумотҳои оморӣ.

Нисбати R^2 чунин шартҳо мавҷуд аст:

- Агар R^2=1 бошад, он гоҳ натиҷаи модел ба натиҷаҳои воқеӣ якхел мебошанд;
- Агар R^2≤0,5 бошад, он гоҳ натиҷаи модел ба натиҷаҳои воқеӣ мувофиқат наменамоянд;
- Агар R^2>0,5 бошад, он гоҳ натиҷаи модел ба натиҷаҳои воқеӣ наздик мебошанд.

Қиматҳои ҳисобшавандаро мо дар ҷадвали навбатӣ ҳамҷоя намуда пайдо менамоем:

Ҷадвали 2.6.5. - Ҷадвали баҳодиҳии наздикии натиҷаи ҳосилшуда

y_i	$\hat{y}_i$	$(y_i - \hat{y}_i)^2$	$(y_i - \bar{y})^2$
252	189,1119712	3954,904165	25440,25
257	323,3343402	4400,244696	23870,25
258	268,7915564	116,4576897	23562,25
262	299,9117324	1437,299452	22350,25
282	329,8191184	2286,668081	16770,25
335	359,9886369	624,4319735	5852,25

Идомаи ҷадвали 2.6.5.

400	391,6734542	69,33136425	132,25
512	426,2961328	7345,152854	10100,25
514	465,8901188	2314,560674	10506,25
570	513,9968515	3136,352644	25122,25
625	578,3217964	2178,854694	45582,25
671	683,1641622	147,9668425	67340,25
$\bar{y}$**=411,5**	$\sum_{i=1}^{n}(y_i-\hat{y}_i)^2$**=28012,22513**		$\sum_{i=1}^{n}(y_i-\bar{y})^2$**=276629**

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф

Ҳамин тавр

$$R^2=1-\frac{28012,22513}{276629}=1-0,101263=0,8987.$$

Аз ин ҷо мебарояд, ки R^2=0,8987 аст. Ин маънои онро дорад, ки маълумотҳои тариқи усули Гумбел пешгӯӣ кардашуда ба маълумотҳои омории соли 1984 наздик мебошанд.


Акнун ин доираи мушоҳидаҳоро васеътар менамоем, яъне пешгӯинамоиро барои 10 сол анҷом медиҳем ва натиҷаҳои ба дастомадаро муқоиса менамоем. Аз ҷадвали 2.6.6 дида мешавад, ки сатҳи баландтарини об аз соли 1970 то соли 1989 ба 7,23 метр баробар аст. Маълумотҳои омории солҳои 1970-1980 -ро ба инобат гирифта бо истифода аз усули Гумбел сатҳи оби дарёро пешгӯӣ намуда наздикии натиҷаро бо маълумотҳои оморӣ муқоиса менамоем (ниг. ба ҷадвали 2.6.6):

Ҷадвали 2.6.6. - Ҷадвали маълумотҳои омории солҳои 1970-1989 ва маълумотҳои пешгӯишудаи солҳои 1980-1989

Сол	Сатҳи баландтарини об (бо см)	Сол	Маълумотҳои воқеӣ	Маълумотҳои пешгӯишуда аз соли 1980-1989
1976	526	1985	536	534,406449
1979	531	1986	554	555,0616184
1970	536	1987	600	571,5049655
1974	604	1980	601	586,6571835
1971	624	1984	608	601,7447833
1978	635	1981	616	617,6656261
1972	645	1982	628	635,4318038
1977	650	1988	633	656,6317278
1973	708	1983	671	684,5904921
1975	764	**1989**	**723**	**729,6653314**

Манбаъ: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маълумоти омории дидбонгоҳи Хирманҷои дарёи Панҷ бо усули Гумбел

Мувофиқи пешгӯӣ сатҳи баладии об ба 7,29 метр мерасад (ниг.ба ҷадвали 2.6.6). Дар поён тасвири графикии натиҷаи ҳосилкардашударо меорем (ниг. ба расми 2.6.4)



Расми 2.6.4. -Муқоисаи сатҳи максималии оби дарёи Панҷ дар асоси маълумотҳои оморӣ ва тақсимоти Гумбел (*ҳисоб ва коркарди муаллиф дар асоси ҷадвали 2.6.6.***)**

Аз таҷрибаҳои гузаронидашуда муайян гашт, ки усули Гумбел натиҷаи хубро медиҳад ва барои муайян намудани сатҳи максималии оби дарё истифода бурда мешавад.

Қадами навбатӣ мо мехоҳем маълумотҳои 20-солаи сатҳи баландии обро, ки дар ҷадвали 2.6.1 оварда шудаанд, истифода намуда, сатҳи максималии обро барои солҳои гуногун пешгӯӣ менамоем:

Ҷадвали 2.6.7 .- Натиҷаи пешгӯишудаи сатҳи об барои солҳои 2026-2050

Сол	2026	2027	2029	2034	2040	2050
Сатҳи оби пешгӯикардашуда бо см	819	821	825	834	843	856

Манбаъ: пешгӯӣ ва ҳисобҳои муаллиф бо истифода аз усули Гумбел

Дар **боби сеюм** (зербобҳои 3.1-3.3)-и диссертатсия сухан дар бораи сохтор, имконот ва татбиқи муҷтамаи барномаи дар доираи диссертатсия омодагардида сухан меравад. Барномаи сохташуда имконияти пешгӯӣ намудани сатҳи экстремалии об ва масрафи онро дошта, дар асоси натиҷаи пешгӯикардашуда масрафи масолеҳи сохтмонӣ ва арзиши лоиҳавии садд вобаста аз усули соҳилмустаҳкамкунӣ пешниҳод мегардад. Натиҷаҳои ин боб дар корҳои зерин «алгоритми автоматикунонии корҳои мустаҳкамкунии соҳил дар сарбанди дарёи Қизилсу дар ноҳияи Восеъ» [1-М], «таҳлили ададии сарбанди соҳилмуҳофизатӣ дар соҳили чапи дарёи Кофарниҳон, ноҳияи Қабодиён» [2-М, 8-М], «пешгӯи намудани масрафи масолеҳ дар иншоотҳои соҳилмустаҳкамкунӣ» [10-М] ва «дастаи барномаҳо оиди автоматизатсиякунонии ҳисоби гидравликии иншоотҳои гидротехникӣ ва муайян кардани миқдори масрафи масолеҳ» [11-М] оварда шудаанд.

Барномаи сохташуда аз ду қисм ибоат аст:

1. Пешгӯӣ намудани сатҳи об;
2. Ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ.

Барномаи сохташуда дар муҳити Windows Forms C# сохта шудааст.


Равзанаи асосии барнома аз панҷ меню иборат аст: менюи асосӣ, маълумотҳои нав, масрафи оби дарё, динамикаи баландии оби дарёҳо ва пешгӯӣ намудани сатҳи

баландии оби дарё. Дар равзанаи асосӣ бошад, фармонҳои асосӣ оиди усулҳои соҳилмустаҳкамкунӣ оварда шудааст (ниг. ба расми 3.1.1):



Расми 3.1.1. - Равзанаи асосии барнома (*барномаи компютерии таҳиянамудаи муаллиф [11-М]*)


Қисми якуми барнома, ки пешгӯӣ намудани сатҳи об мебошад дар асоси формулаҳои боби 2 ва санҷишҳои гузаронидашудаи асоснок сохта шудааст. Блок-схемаи қисми якуми барнома чунин аст:



Расми 3.1.2. - Блок-схемаи алгоритми пешгӯии сатҳи экстремалии оби дарё бо истифода аз модели Гумбел (*коркарди муаллиф*)

Дар ин қисмати барнома метавонем сатҳи оби дарёро барои вақти муайян пешгӯӣ намуд. Масалан, дар асоси маълумотҳои омории дарёи Панҷ пешгӯиҳои зеринро анҷом медиҳем:


- дар асоси маълумотҳои омории ҷадвали 2.6.1 аз соли 1970 то соли 1990 истифода намуда, сатҳи максималии обро барои соли 2026 барои дарёи Панҷ пешгӯӣ менамоем (ниг. ба расми 3.1.3):



Расми 3.1.3. - Натиҷаи пешгӯии сатҳи оби дарё барои соли 2026 (*натиҷаи ҳисоб бо истифода аз барномаи таҳиянамудаи муаллиф [11-М]*)

Мувофиқи тақсимоти Гумбел сатҳи максималии дарёи Панҷ дар соли 2026 ба 8,19 метр ва масрафи максималии об ба 5979,205 м3/с мерасад.

- барои 4 соли оянда, масалан то соли 2030 мо мехоҳем сатҳи максималии обро барои дарёи Панҷ пешгӯӣ намоем (ниг. ба расми 3.1.4):




Расми 3.1.4. - Натиҷаи пешгӯии сатҳи оби дарё пас аз 50 сол (1990-2040) (*натиҷаи ҳисоб бо истифода аз барномаи таҳиянамудаи муаллиф [11-М]*)

Сатҳи максималии дарёи Панҷ пас аз 4 сол (2026-2030) то ба 8,27 метр ва сатҳи максималии масрафи об бошад ба 6179, 723 м3/с мерасад.

Қисми дуюми барнома ин ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ ном дорад. Дар ин қисмат дар асоси натиҷаи пешгӯикардашуда ва интихоби яке аз усулҳои

мустаҳкамкунии садд масрафи масолеҳи мустаҳкамкунии садд ва арзиши умумии хароҷоти он ҳисоб карда мешавад. Ин қисмати барнома дар асоси блок-схемаи зерин сохта шудааст:



Расми 3.1.5. - Блок-схемаи ҳисоби масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкунӣ (*коркарди муаллиф дар асоси формулаҳои ҳисоби гидравликӣ [4-М])*

Блок-схемаи дар расми 3.1.5 пешниҳод гардида дар асоси формулаҳои асосии ҳисобҳои гидравликии маҷрои дарёҳо, ки дар ҷадвали 3.1.1. оварда шудаанд, пешниҳод гардид.

Ҷадвали 3.1.1. - Формулаҳои ҳисоби гидравликӣ

Номгӯи нишондиҳандаҳои маҷро	Формулаҳои ҳисоб
Суръати маҷроташкилкунанда, м/сон.	$V_\phi = 0{,}817 \times \frac{Q^{0,10}}{A^{0,2}} \times (1000 \times i)^{0,307}$
Паҳногии устувори маҷрои дарё (Гостунского), м	$By = A \ \frac{Q^{0,5}}{i^{0,2}}$
Таъсири об дар 1м /м	$q = \frac{Q}{B_y}$
Баландии миёнаи ҷараёни об, м	$H_{миё.} = \frac{q}{V_\phi}^{0,833}$
Суръати максималии об, м/сон.	$V_{\max} = \frac{q}{H_{миё.}}$
Чуқурии шусташавии эҳтимолӣ, м	$H_{ш.э.} = C \ \ H_{миё.}$

Манбаъ: формулаҳои ҳисоби аз манбаъи [1-М]

Қайд намудан бомаврид аст, ки алгоритми нави ҳисобкунии масрафи масолеҳ барои корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ истифода мешавад. Ба сифати мисол, дарёи Панҷ, Қизилсуи ноҳияи Восеъи вилояти Хатлон гирифта шудааст. То пешниҳоди ин дастаи нави барномаҳо асосан аз калкулятор истифода менамуданд. Ин гуна ҳисобкунӣ аз 10 то

15 рӯз вақтро мегирифт. Ба воситаи барномаи муаллиф бошад, ин амал дар муддати 5-10 дақиқа иҷрои худро меёбад. Бояд қайд намуд, ки ин гуна барномаҳои нав барои пешгӯӣ намудани масраф барои лоиҳакашон ва муҳандисон бисёр зарур мебошанд. Барномаи мазкур аллакай дар ду корхона мавриди истифода қарор дода шудааст: яке корхонаи воҳиди давлатии Институти лоиҳакашии “Тоҷикгиппроводхоз” ва дигаре захираҳои оби минтақаи ҳавзавии дарёи Панҷ.


Қисмати дуюми барнома ҳисоби гидравликӣ ва муайян кардани масрафи масолеҳи соҳилмустаҳкамкуниро анҷом медиҳад ва он аз функсияҳои зерин иборат аст:

- Садд (дамба) -тахтабетон;
- Садд - симтурсанг;
- Канал;
- Қубур;
- Харҷномаи лоиҳавии садд;
- Харҷномаи лоиҳавии канал;
- Харҷномаи лоиҳавии таҳшингоҳ;
- Харҷномаи лоиҳавии қубури роҳгузар;
- Модели иттератсионии шусташавии эҳтимолӣ.

Тартиби истифодабарии барнома дар ҳамаи қисматҳо монанд мебошад.

Қисмати дуюми барнома ҳисоби гидравликӣ ва муайян кардани масрафи массолеҳҳои иншооти корҳои соҳилмустаҳкамкуниро анҷом медиҳад.

Қисмати садд - тахтабетонро дида мебароем. Дар расми 3.1.6 равзанаи ин қисми барнома пешкаш шудааст. Ин қисмати барнома барои ҳисоби гидравликӣ ва масрафи масолеҳи дар садд буда (дамба) пешбинӣ шудааст. Дар ин усул садд бо тахтабетон мустаҳкам карда мешавад:



Расми 3.1.6. - Равзана барои ҳисоби гидравликӣ ва муайян кардани масрафи масолеҳ
(*барномаи компютерии таҳиянамудаи муаллиф [11-М]*)

Ин қисмати барнома функсияҳои зеринро иҷро менамояд:


a. Масрафи оби дарё ва суръати онро муайян месозад;
b. Нишебӣ ва паҳноии дарёро муайян месозад;

c. Параметри маҷро ва баландии обро муайян месозад;
d. Масоҳати бурриши кундалангии саддро муайян менамояд;
e. Ҳаҷми умумии хокшибаро ҳисоб мекунад;
f. Ҷуқурии шусташавии эҳтимолиро ҳисоб мекунад;
g. Бор кардан ва кашонидани хокро барои садд ҳисоб мекунад.

